**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи Мирзоев Шуҳрат Ҷумъамуродович дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 –Таърих, 6D020303 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.**

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот дар он дида мешавад, ки таҳлили муқоисавии ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ бори нахуст дар шакли маҷмӯӣ анҷом ёфтааст.

Ҳарчанд паҳлуҳои гуногуни он дар таҳқиқоти илмӣ инъикос ёфта, бисёр муҳаққиқон зимни омӯзиши масъалаҳои таърихӣ аз онҳо истифода карда бошанд ҳам, таҳлили муқоисавии ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л- мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ то имрӯз ба таври маҷмӯӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Дар автореферати рисолаи Мирзоев Ш.Ҷ. муҳим будани илмӣ-назариявӣ ва амалии мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он, дараҷаи омӯзиш, мавҷудияти сарчашмаҳо, давраҳо, назария ва усулҳои истифодашуда ва натиҷаҳои асосии ба дастомада зикр шудаанд. Дар он мундариҷаи асосиро омӯзиши ҳаёту рӯзгори Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабашоҳ, таҳлилу баррасии рисолаҳои «Зафарнома»ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур», сохтор, муҳтаво ва аҳамияти таърихии онҳо, инъикоси таърихи ба сари ҳокимият омадани Темур, лашкаркашиҳои ӯ ба Хоразм, Хуросону Эрон, Ҳиндустон, Ироқу Рум ва дигар кишварҳо дар ин асарҳо, ҳамчунин тасвири шахсияти Темур аз ҷониби Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ ташкил медиҳад.

Омӯзиши масъалаҳои инъикоси ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV- и Мовароуннаҳру Хуросон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу -л- мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ, хусусан таърихи ба сари ҳокимият омадани Темур ва лакаркашиҳои ӯ ба кишварҳои дуру наздик меҳвари асосии таҳқиқоти муаллифро фаро мегиранд.

Таҳқиқот дар заминаи ахбори Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ, таҳлилу баррасии дигар сарчашмаҳои таърихӣ, осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, китобҳо, монографияҳо, мақолаҳо ва маҷмӯаҳое, ки ба таърихи вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV-ибтидои асри XV бахшида шудаанд, амалӣ гардидааст.

Ҳамчунин ба тасвири шахсияти Темур дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, ҳар як боби мавзӯъ мавриди таҳқиқ натиҷагирӣ шуда, тавсияҳо ҷиҳати истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада ва рушди минбаъдаи илми сарчашмашиносӣ пешниҳод гардидаанд.

Автореферат бо мазмуни фишурдаи рисола пурра мутобиқат менамояд ва натиҷаҳои асосии илмии рисола аз ҷумла 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Дар маҷмӯъ, рисолаи Мирзоев Ш.Ҷ. таҳқиқоти пурра анҷомёфта ба шумор рафта ба талаботҳои КОА назди Президенти ҶТ мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 –Таърих, 6D020303 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

*Номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон:* *Усмонов Неъматҷон Насимович*

*Суроға: 735700; ш.Хуҷанд. мкн.17.х,1*
*Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*
*Моб: (93)563-30-33*
*Тел: +9923422 23811*
*E-mail: imon_2011@mail.ru*
*18.11.2022с.*

*Имзои номзади илмҳои таърих Н.Н.Усмоновро тасдиқ менамоям:*
*Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ* *Мирпоччоев И.Ҳ.*